**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**( 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Давлатов Сорбон Назримадович дар мавзӯи «Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ» (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05-иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент.**

Фаъолият намудан дар шароити рушди босуръат ва зудтағйирёбандаи иқтисоди бозории ҷаҳонӣ аз ҳар як субъекти ҷамъиятӣ бахусус одамоне, ки идоракунандаи асосии он ба ҳисоб меравaнд, дониши касбии даркнамой, созандагии фаъолияти мақсадноки пешвоёна, самаранок истифодабарии захираҳои маҳдуди иқтисодӣ ва зиндагии арзандаро талаб менамояд. Савияи дониши инсон ҳамеша ва дар ҳама гуна фаъолияти касбӣ-ҳунарӣ нақши калидӣ дошта, асоси рушд ва инкишофёбии ҷомеаи имрӯза, махсусан дар соҳаи менеҷмент гашта истодааст.

Мавзӯи баррасишаванда низ хело ҳам муҳим ва рӯзмара буда, амалишавии ин таҳқиқот дар рушд ва инкишофёбии иқтисодиёти имрӯза нақши асосиро мебозад ва ҳамчун муҳаррики асосӣ дар раванди тезу тунд шудан ва ҳамарӯза дигар шудани талаботҳои истеъмолии аҳолӣ, мақоми хосеро ишғол менамояд.

Ҳадафи таҳқиқот низ таҳлили назариявии рушди идоранамоии захираҳои инсонӣ, нақшу аҳамияти он дар рушд ва инкишофёбии иқтисодиёт, арзёбии вазъи муосир ва таҳияи чорабиниҳо оид ба мукаммалгардонии механизмҳои ташаккулёбӣ ва инкишофи сармояи инсонӣ дар шароити талаботи зудтағйирёбандаи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳисоб меравад.

Сармояи инсонӣ дар ҷаҳони муосир ҳамчун захираи дарозмуддати иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, фоидаи он дар тӯли замон (ба монанди дониш ва таҷрибаи ҷамъоваришуда) истифода мешавад.

Дар автореферат муайян карда шудааст, ки сармоягузориҳо дар соҳаи маориф - яке аз рукнҳои асосии ҷамъият воситаи калидӣ ба шумор рафта, нисбат ба дигар намуди маблағгузориҳо дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ фоидаовартар ба ҳисоб меравад, яъне дар соҳаи маориф 30% ё бештар аз ин даромади миллиро зиёд менамояд. Ҳамаи ин ба афзоиши ҳамаҷонибаи сармоягузориҳои давлатӣ ва хусусӣ дар рушди соҳаҳое, ки онҷо унсурҳои нави захираҳои инсонӣ (махсусан иқтидори ақлонӣ, фаъолияти эҷодӣ) ба вуҷуд меоянд, ҷиҳати хароҷоти инфиродӣ ба таҳсилот, баландбардории савияи дониши касбӣ, беҳбудии саломатӣ ва ғайра равона карда шудааст.

Ба ақидаи муаллиф барои расидан ба афзалиятҳои баланди рақобатнокӣ бояд таъмини сифатҳои баланди молӣ ва ба хусус рушди иқтисодиёт дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт, маҳорати баланди касбӣ-ҳунарии захираҳои инсонӣ ва идоракунии сармоягузориҳо ба ин захираи асосии иқтисодиёт мусоидат менамоянд. Дар шароити муосир ба таври дақиқ идоракунии захираҳои инсонӣ ҳамчун интиқолдиҳандаи донишҳои замонавӣ ва самаранок истифода бурдани захираҳои муҳими иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста шуда истодааст.

Дар қатори дастовардҳои дар автореферат ҷойдошташуда, инчунин як қатор пешниҳодҳо барои боз ҳам беҳтар намудани мазмуни автореферат ҷой доранд, ки миёни онҳо метавон ҳолатҳои зеринро ҷудо намуд:

Якум, ин ки новобаста ба оне, ки мавзӯи мазкур ба идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ бахшида шудааст, ҳамзамон хубтар мешуд, муаллиф дар бораи роҳҳои такмилдиҳии механизми идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ низ пешниҳодҳо меовард.

Дуюм, механизмҳои иқтисодию ташкилии таълимоти бефосила, манбаҳои маблағгузориву ташкилии он бояд муффасал арзёбӣ гардад.

Сеюм, ин ки дар автореферат баъзе норасогиҳои имлоию техникӣ каме ҳам бошанд, вомехӯранд.

Хулоса, мавзӯи интихобнамудаи унвонҷӯ «Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба талаботи КОА-и аттестатсионии назди Президенди Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори даврачаи илмӣ буда аз рӯи ихтисоси 08.00.05-иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент ҷавобгӯ мебошад.

**Муқарриз:**
**н.и.и. дотсенти, кафедраи**
**«Иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ»,**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи**
**Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Расулова Л.Н.**

**735360, Тоҷикистон,**
**вилояти Хатлон, г. Кӯлоб,**
**куч. С.Сафаров 16,**
**Тел: (+992) 987 22 11 88**
**E-mail:** r.lutfiya@mail.ru

**«Имзои Расулова Л.Н.-ро тасдиқ менамоям»**
**Сардори раёсати кадрҳо ва КМ** **Амиров Ф.**